# ТАҚРИЗ

ба рисолаи илмии Мирбобоева Бибивахӣ Мирбобоевна дар мавзуи "Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Инкишофи технологияҳои инноватсионӣ дар даҳсолаҳои охир имконоти зиёду судмандро дар ихтиёри инсонҳо гузошт ва барои афзоиши рӯзафзуну баланд бардоштани некӯаҳволӣ, рушду такомули инфиродии шаҳрвандон, аз ҷумла толибилмони муассисаҳои таълимӣ муосидат мекунад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаи маориф ва татбиқи барномаҳои ислоҳоти соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, қайд мекунад, ки «…дар ин раванд як нуктаро дар назар бояд дошт: дар ҷаҳони муосир кишваре ба дастовардҳои бузург ноил мегардад, ки ба баланд шудани сатҳи маърифат дар ҷомеа таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, техникаву технологияи навро ба таври васеъ дар амал ҷорӣ менамояд…»

Аз ин лиҳоз,вақте сухан дар бораи рушди соҳаи маориф, тавсеа ёфтани шабакаи технологияҳои иттилоотӣ, таҳсили хонандагони синфҳои болоӣ ва ба воя расонидани мутахассисони ба талаботи замон ҷавобгӯ меравад, барои онҳо, пеш аз ҳама, муҳайё кардани шароити мусоиди таълимӣ хеле муҳим аст. Азхудкунии имкониятҳои нави технологӣ ва умуман рушди иҷтимоӣ мустақиман аз сатҳи ташкили ҷараёни мураттабу хушсифати таълиму тарбияи хонандагон дар муассисаи таълимию оила ва ҳамкории судманди онҳо вобаста аст.

Аз ин нуқтаи назар мавзӯи интихобнамудаи муҳаққиқ Мирбобоева Бибивахӣ дар мавзӯи "Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир» мубраму саривақтӣ маҳсуб ёфта, тадбирҳои дар амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ва барномаи "Бистсолаи омӯзиш ва

рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”, “Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солхои 2018-2022”-ро дар ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода роҳандозӣ менамояд.

Тавре таҳқиқгар Мирбобоева Бибивахӣ қайд намудааст, пажуҳиши масъалаи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода аҳамияти илмию амалиро касб мекунад, то дар истифодаи техника ва технологияҳои муосир назоратро ба роҳ монда, бахри самаранок истифода намудани он аз ҷониби хонандагон тамоми чораҳо андешида шаванд.

Дар ин асос мақсади таҳқиқотро муайян намудааст, ки он асосҳои назариявию амалии фароҳам овардани шароитҳои педагогии ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосири иттилоотию педагогӣ, таҳқиқу коркарди тарҳи (модели) ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода “Омӯзгор-Хонанда-Волидон”-ро дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии хонандагон дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва хонавода дар бар мегирад.

Муҳаққиқ тасдиқ мекунад, ки истифодаи техника ва технологияҳои навини иттилоотию педагогӣ дар ҷараёни таълим роҳҳои нави рушди тафаккурро мекушояд ва барои таълим, рушд ва тарбияи хонандагон имкониятҳои нав фароҳам меорад. Дар раванди гузаронидани дарсҳо, инчунин дар ҷараёни ҳама намудҳои машғулиятҳои берунназсинфӣ самараноктар мегардад ва бо ин восита ҷараёни бузурги иттилоот ба осонӣ дастрас мегардад.

Ҷиҳати ноил шудан ба мақсад, санҷишу тасдиқи фарзияи гузошташуда барои роҳандозӣ намудани вазифаҳои гузошташуда, муҳаққиқ таҳқиқоти зеринро ба анҷом расонидааст:

- вазъу ҳолати проблемаи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонаводаро дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосири иттилоотию педагогӣ дар назарияи педагогӣ ва

амалияи кору фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, оила ва фаъолиятҳои бернуазсинфӣ мавриди омӯзиш қарор додаанд;

- таҳқиқотҳои педагогии мавҷуда оид ба проблемаи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонаводаро дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосири иттилоотию педагогӣ дар хонандагони синфҳои 7-9 таҳлил намудаанд;

- тарҳи (модели) ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода «Педагог-Хонанда-Волидон” дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосири иттилоотию педагогӣ коркард шудааст;

- самтҳои асосии фаъолияти кормандони МТМУ ва хонаводаро дар фароҳам овардани шароити педагогӣ ташаккули ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии хонандагони синфҳои 7-9 зимни истифодаи техника ва технологияи муосири иттилоотию педагогӣ муайян гардидаанд;

- санҷиши таҷрибавӣ-озмоишии самаранокии тарҳи (модели) ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода «Педагог-Хонанда-Волидон” баргузор намудаанд ;

- тавсияҳои педагогиро барои омӯзгорону волидон дар ташкили муҳити самарабахшии фаъолияти таълимии ташаккулдиҳандаи хонандагон зимни истифодаи техника ва технологияи муосири педагогию иттилоотӣ мавриди коркард қарор ёфтаанд.

Дар навгонии илмии пажуҳиш - истифодаи техника ва технологияҳои муосири иттилоотӣ дар муассисаи таълимӣ ва хонавода баррасӣ гардида, хусусиятҳои таъсири онҳо ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва иҷимоишавии хонандагон дар шароити муосир ошкор карда шуда, дар баробари ин, омилҳои мусбат ва манфии ташаккули муносибати хонандагон ба техника ва технологияи муосир баррасӣ гардидааст. Бо баргузории корҳои озмоишӣ шароитҳои педагогии самарабахшии ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии хонандагон зимни истифодаи техника ва технологияи муосири иттилоотию педагогӣ таҳқиқ карда шудааст.

Дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда таъсири мусбӣ ва таъсири манфии техникаю технологии муосирро дар ташаккул ва инкишофи ҷаҳонбинии насли наврас ва дар ин радиф ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода, роҳҳои ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба воситаҳои техникӣ (компютер, планшет, телефони мобилӣ), ошкор намудани омилҳои мусбӣ ва манфии он тадқиқу муҳим арзёбӣ гардидааст.

Пас аз овардани муқаддима масъалаҳои назариявиву амалии марбут ба кори таҳқиқотӣ дар ду боб ва зерфаслҳои алоҳида тақсим шуда, таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Дар муқаддимаи диссертатсия муҳимияти мавзӯи таҳқиқшаванда собит карда шуда, доир ба маводи таҳқиқ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, навгониҳои илмии диссертатсия, равиши таҳқиқи мавзӯъ, манобеи пажӯҳиш ва сатҳи эътимоднокӣ ва коркарди мавзӯъ маълумоти мушаххас оварда шудааст

**Дар боби якум** "Ҳамкории омӯзгор ва волидон дар ташаккули системаи донишҳо, ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии хонандагон зимни истифодаи техника ва технологияи муосири иттилоотию педагогӣ " муҳаққиқ қайд менамояд, ки бо ворид гардидани ҷомеаи имрӯзаи кишварамон ба марҳилаи дигаргуниҳо хонаводаи имрӯза дар муҳити сифатан нав ва тазодҳои иҷтимоӣ қарор дорад ва омилҳое, ки боиси тезу тунд шудани мушкилоти хонавода мегарданд, хеле зиёданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз равобити байни оила, таълимгоҳ ва ҷомеа хеле коста гардидааст, ҳол он ки на оила, на таълимгоҳ ва на ҷомеа наметавонанд дар алоҳидагӣ дар тарбияи маънавию ахлоқии таълимгирандагону ҷавонон саҳмгузор бошанд.

Яке аз роҳҳои босамар, истифодабарии технологияҳои иттилоотию педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошад, ки ба баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ, ташкили махзани рақамии ягонаи маводи таълимии электронӣ, рушди заминаҳои муосири моддию техникии муассисахои таҳсилоти умумӣ ба воситаи мунтазам аз нав таҷҳизонидани онҳо бо

техникаву технологияҳои ҳозиразамон ва ташкили торнамои (портали) ягонаи иттилоотии соҳаи маорифи ҷумҳурӣ равона гардидааст.

Мавриди таҳлили адабиёти илмию методӣ муҳаққиқ собит месозад, ки сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои ҳамкории муассисаи таълимӣ ва хонавода нақши муҳим мебозанд, зеро дар замони муосир иттилооотро ба таври фосилавӣ дастрас кардан осон мебошад. Муассисаҳои таълимӣ ва хонавода метавонанд аз шабакаи иҷтимоӣ васеъ истифода баранд.

**Дар боби дуюми рисола** «Шароитҳои педагогии ҳамкории муассисаи таълимӣ бо хонавода дар инкишофи муносибати мусбати хонандагон ба технологияҳои муосири иттилоотию педагогӣ» заминаҳои иҷтимоию педагогии ҳамкории муассисаи таълимӣ бо хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир, санҷиши озмоишии истифодаи маҷмӯи технологияҳои иттилоотию педагогӣ дар раванди ҳамкории омӯзгор бо волидон ва натиҷаи самаранокии истифодаи технологияи иттилоотию педагогӣ зимни ҳамкории омӯзгорон ва волидон дар озмоиши назоратӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст.

Натиҷаҳои бадастомада собит месозанд, ки дар самти тарбияи хонанда ва самаранок намудани раванди таълим ҳамкории хонавода ва муассисаҳои таълимӣ муҳим буда, истифода техника ва технологияҳои иттилоотию педагогӣ имконияти васеи пешбурди корҳои методӣ ва таълимиро дар муассисаҳои таълимӣ доро мебошанд. Натиҷаи бадастомада собит месозад, ки истифодаи аз техника ва технологияи иттиллотӣ ба роҳбарият, омӯзгорон ва волидон барои дастрасии ахбороти иттиллотӣ ва маводи таълимӣ дар вақти зарурат имконият медиҳад.

Шабакаи иҷтимоӣ воситаи муҳимтарини дастрас намудани ахбороти иттилоотӣ ба ҳисоб меравад. Яке аз дастовардҳои навини кори диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки дар қисмати озмоиши кор барномаи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва волидон, ки дар

муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе ба роҳ монда шудааст, ин барномаи электронии иттилоотии соҳаи маориф “eDonish” мебошад, мавриди истифода қарор ёфтааст. Барномаи мазкур маҳз ба кори илмии Мирбобоева Бибиваҳӣ мувофиқ буда, бо қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 06.08.2020, №409 “Дар бораи татбиқи барномаи электронии “eDonish” дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе қабул гардида, маҳз истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро мавриди иҷро қарор медиҳад.

Дар доираи тадқиқот корҳои таҷрибавӣ- озмоишӣ дар литсейи №55 ноҳияи Шоҳмансур, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №25 ноҳияи Сино, №6 ноҳияи Сомонӣ, №8 ноҳияи Ҳисор ва литсейи ба номи Собири Шоҳони ноҳияи Ҳисор анҷом дода шудаанд. Баъд аз коркарди натиҷаҳои тадқиқот муайян гардид, ки технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ, хусусан, компютер, шабакаи интернет, планшет, телефонҳои мобилӣ, тахтаҳои электронӣ, барномаи электронии “eDonish”, технологияҳои нави педагогӣ бо истифода аз барномаҳои Word, Power point, баргузории маҷлис –онлайн, интернет-конфронс ва монанди ин дар иҷтимоишваии хонандагони синфи 7-9 нақши беандоза бузургро соҳиб мебошанд.

Натиҷаи таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдаруҳмони Ҷомии АТТ, ҷаласаҳои шуъбаи педагогика ва психология, дар иттиҳодияҳои методии муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи шаҳрҳои Душанбе, Ҳисор, Норак, Роғун муҳокима ва мавриди озмоиш қарор дода шудаанд.

Пешниҳод ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия матраҳ гаштаанд, барои самаранокии низоми ҳамкориҳои муассисаҳои таълимӣ ва хонавода, дар шаклгирии муносибати бошууронаи хонандагон ба дастовардҳои техника ва технологияҳои муосири иттилоотию педагогӣ зимни таҳсил ва берун аз он мусоидат карда метавонанд.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ:**

1. Дар боби 1-уми рисола мавриди таҳлили адабиёти илмӣ ва методии олимони ватанию хориҷӣ мушкилоти ҷойдошта дар ҳамкории муассисаи таълимӣ ва хонавода бояд ба таври васеътар бояд кушода дода мешуд.
2. Дар руйхати адабиёт шумораи нокифояи корҳои илмӣ оид ба ин масъалаи ҳамкории муассисаи таълимӣ ва хонавода мушоҳида мегардад.
3. Хулосаи боби якуми рисола дар ҳаҷми кам ифода ёфтааст, ки мазмуни мухтасари боби мазкурро ба пуррагӣ фаро гирифта наметавонад.
4. Хатоҳои грамматикӣ, услубӣ ва техникӣ мавриди назар қарор ёбанд.

Бешубҳа, норасоиҳои қайдшуда муҳимияти мазмуну мундариҷаи рисолаи илмии Мирбобоева Бибивахӣ Мирбобоевнаро коста намегардонад, зеро таҳқиқот ба итмомрасида ва мустақил аст ва муҳаққиқ Мирбобоева Бибивахӣ Мирбобоевна сазовори додани унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
мудири кафедраи педагогика ва психологияи
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Ошимова Маҳбуба Машарифовна

13.03.2023 с.

**Маълумот барои тамос:** 724019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.
Тел.: +992 372 325000 Факс: +992 372 325003 Сомона: www. ddst.tj.

Имзои Ошимова Маҳбуба Машарифовнаро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус ДБЗХТ
ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.